# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович дар мавзуи «Назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. – Назария ва технологияи таълими математика) пешниҳод гардидааст.**

Автореферати диссертатсияи Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович ба яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами илми педагогика, яъне назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир бахшида шудааст. Мавзуи мазкур, ки ба омӯзиши низоми назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика бахшида шудааст, то ҳол мавриди таҳқиқи амиқи илмӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, интихоби мавзуъ аз ҷониби муаллиф саривақтӣ ва аз нигоҳи илмӣ асоснок мебошад.

Дар автореферат мубрамияти мавзуъ бо далелҳои мушаххас ва таҳлилӣ равшан нишон дода шудааст. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки ба талаботи замон мувофиқ гардонидани тайёрии касбии донишҷӯён-омӯзгори ояндаи самти математика дар сурате ба миён меояд, ки методҳои фаъоли таълимӣ ба мазмун ва мундариҷаи воситаҳои таълим мувофиқ бошад.

Дараҷаи омӯзиши мавзуъ нишон медиҳад, ки гарчанде оид ба масъалаҳои алоҳидаи вобаста ба тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ як қатор олимони хориҷӣ ва ватанӣ, ки самти фаъолияти кориашон дар бораи методҳои таълимии самти математика ва омода намудани омӯзгори оянда мебошад, корҳои таҳқиқотӣ ва методиро ба анҷом расонидаанд, аммо таҳқиқоти маҷмуии фарогир оид ба назорат ва идоракунии тайёрии

касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир анҷом наёфтааст. Ин ҳолат навгонии илмии диссертатсияро тақвият мебахшад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори аввал кӯшиш намудааст, назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосирро ба таври комплексӣ таҳлил намояд.

Муаллиф дар таҳқиқот аз усулҳои муосири илмӣ истифода бурдааст, ки ба эътимоднокии натиҷаҳо мусоидат менамояд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда мантиқан асоснок буда, мазмуни таҳқиқотро пурра инъикос мекунанд.

Асосҳои назариявию методологии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки омӯзиш ва таҳлили тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика ва омӯзиши технологияи омодасозии омӯзгорони оянда, дар баланд бардоштани савияи дониши назариявии математикӣ ва тайёрии касбии донишҷӯён нақши асосӣ мебозад. Аҳаммияти амалии он бошад, дар рушди минбаъдаи тайёрии касбии донишҷӯёни самти математикаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар омодасозии мутахассисони касбии самти математика бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсионӣ истифода мегардад.

Автореферат тамоми паҳлуҳои диссертатсияро комилан фаро гирифта, нуктаҳои хоси таҳқиқшуда бо далелҳои амиқ муҳтавои асосии диссертатсияро ташкил медиҳад.

Чуноне аз автореферат бармеояд, диссертатсияи Сатторов Қ.А. аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқот», се боб, бахши «Хулосаҳо», «Рӯйхати адабиёти истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат аст.

Хулосаи автореферати диссертатсия бо забони фасеҳу равон таълиф гардида, диссертант доир ба мавзуи диссертатсия 2 дастури таълимӣ, 8 мақолаи илмӣ, ки аз инҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар конференсияи илмӣ амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ мунташир намудааст ва мазмуну мундариҷа ва натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқро инъикос менамоянд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович дар мавзуи «Назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. – Назария ва технологияи таълими математика) мебошад.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи физика ва географияи
Донишгоҳи давлатии Данғара Олимӣ Ашуралӣ Рамазон

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25, Тел: (+992) 555-05-09-24; E-mail: olimov_19641@mail.ru

Имзои Олимӣ А.Р.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25, E-mail: dddangara--2013@mail.ru
10 06 соли 2026

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович дар мавзуи «Назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. – Назария ва технологияи таълими математика)**

Дар автореферати диссертатсияи тақризшаванда яке аз масъалаҳои мубрамӣ ҳаёти имрӯза назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар шароити Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар асоси автореферати кори мазкур дар доираи 3 боб ва 7 зербоб анҷом шудааст.

Автореферат дарбаргирандаи муҳтавои асосии диссертатсия буда, асосҳои назариявию методологии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика ва омӯзиши технологияи омодасозии омӯзгорони оянда, дар баланд бардоштани савияи дониши назариявии математикӣ ва тайёрии касбии донишҷӯёнро дар бар мегирад.

Сатторов Қ.А. вазифаҳои дар кори илмӣ гузошташударо ба монанди: арзёбӣ ва муайянсозии вазъи таълими курси математика дар МТОК; муайян намудани роҳҳои такмили таълим ва тайёрии касбии омӯзгорониояндаи математика бо истифодаи ТИК; коркард ва ташкили роҳҳои нави назорат ва идоракунии тайёрии касбии омӯзгорониояндаи самти математика; таҳияи методикаи таълими курси математика мутобиқ бо низоми таълими босалоҳият бо сарбаландона иҷро намудааст. Инчунин таҳқиқоти анҷомшуда ба мақсади гузоштаашуда “роҳҳои омӯзиш ва таҳқиқи баланд бардоштани сатҳи назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир” расидааст.

Дигар қисматҳои кори илмӣ ба монанди: фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, методҳои истифода шуда дар кори илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи этимоднокии натиҷаҳо дар сатҳи зарурӣ натиҷагирӣ шудаанд.

Новобаста аз пурмуҳтаво будани автореферати диссертатсияи Қ.А.Сатторов дар он якчанд масъалаҳое ҳастанд, ки зарурат ба такмил доранд:

Дар мавзуъ мафҳумҳои «назорат» ва «идоракунӣ» ба таври мушаххас баён ёфта, фарқияти назариявӣ ва амалии ин ду категорияи илмӣ равшан муайян карда шудааст. Дар унвони таҳқиқот доираи масъала хеле васеъ ба назар мерасад. Муаллиф мушаххас намудааст, ки кадом ҷанбаҳои тайёрии касбӣ, методӣ, педагогӣ, равонӣ ё технологӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Мушаххасоти методологӣ дар сатҳи илмӣ эҳсос мегардад. Ҳамзамон, асосҳои назариявӣ, усулҳои таҳқиқот ва равишҳои илмии истифодашуда мукаммал муайян карда шудаанд.

Хулоса ва пешниҳодҳои илмӣ хусусияти амалӣ дошта, роҳҳои татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мушаххас нишон дода шудааст.

Дар умум, автореферати диссертатсияи пешниҳодшуда барои чунин хулосабарорӣ имкон медиҳад, ки рисолаи илмии Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович таҳқиқоти мустақилонаи тахассусии илмии дорои навоварии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ буда, ба талаботи муосир ҷавобгу мебошад. Услуби таҳқиқот комилан дар доираи илмӣ қарор дошта, бо озмоишҳои таҳлилии асоснок, намунаҳо ва мисолҳои возеҳ тақвият дода шудааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович дар мавзуи «Назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, мазмун ва

сохтори таҳқиқоти илмии мазкур ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (тағйиру илова аз 26.06.2023, №295)) мутобиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. – Назария ва технологияи таълими математика) мебошад.

*Муқарриз:* ***Қурбоншоев С.З.*** – д.и.ф.м., профессори кафедраи математикаи олии Донишгоҳи славянии Тоҷикистон – Россия.

Имзои ***З.С. Қурбоншоев*** - ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи славянии Тоҷикистон – Россия: Исмоилова М.Н.

09.06.2026

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Турсунзода 30.
Тел: +992(37) 2-21-35-50. 918-46-03-27.
E-mail: rtsu_slavistica@mail.ru.

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович дар мавзуи «Назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. – Назария ва технологияи таълими математика) пешниҳод гардидааст.**

Мубрамии мавзуи таҳқиқотии Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович дар шароити муосири зуд-зуд тағйирёбандаи рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи омодасозии мутахассисони соҳаи илмҳои табиӣ ва дақиқ рақобатпазир аҳаммияти хосса касб намудааст. Низоми муосири маориф аз омӯзгор талаб мекунад, ки на танҳо соҳиби дониши назариявӣ бошад, балки малакаҳои амалӣ, қобилияти эҷодӣ, таҳлилӣ, хулосабарорӣ ва татбиқи технологияҳои иттилоотию-коммуниатсионӣ ба талаботи бозори меҳнатро доро бошад. Аз ин лиҳоз, масъалаи роҳҳои баланд бардоштани назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо мақсади омода намудани мутахассисони ояндаи самти математика, бахусус дар марҳилаи рушди босуръатонаи илму техника, яке аз самтҳои муҳим ва мубрами таҳқиқот ба шумор меравад.

Коркард, ҷорӣ ва пайдо намудани равандҳои муосири назорат ва идоракунӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати тайёр ва омода намудани мутахассисони самти математика нақши асосӣ дорад. Зеро баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика аз истифодаи технологияи муосири таълимӣ вобаста аст.

Тавре аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф бо мақсади баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика ба масъалаҳои афзалиятноки соҳаи маориф, асосҳои методии тайёрии касбӣ, таҳлили нақшаву барномаҳои таълимию

таҳсилотӣ, вазъи таълими курси математика, истифодаи самараноки технологияи иттиллотӣ-коммуникатсионӣ, роҳҳои назорат ва идоракунӣ, коркарди усулҳои нав зимни таълими босалоҳият аҳаммияти ҷиддӣ дода, нуктаҳои асосӣ ва татбиқшавандаро пешниҳод намудааст.

Автореферати диссертатсияи пешниҳоднамудаи Сатторов Қ.А. бо риояи талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таҳия гардида, дорои сохтори мукаммал ва мантиқии илмӣ мебошад. Кор аз муқаддима, 3 боб ва 7 зербоб иборат мебошад, натиҷаҳои таҳқиқотии автореферати диссертатсияи муаллиф дар 2 дастури таълимӣ, 8 мақолаи илмии муаллиф, ки аз инҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд, ба таври мушаххас муайян шудаанд. Ҳамзамон, пайдарҳамии масъалаҳои баррасишаванда ба таври мушаххас нигоҳ дошта шудааст. Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ дар заминаи талаботи таҳсилоти муосир асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши масъала, ҳадафу вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, инчунин аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада

Автореферати диссертатсияи Сатторов Қ.А. нишон медиҳад, ки муаллиф масъалаи мавриди таҳқиқро ба таври ҳамаҷониба ва илмӣ таҳқиқ кардааст. Мавзуи интихобшуда доро аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, ба омӯзиши вазъ, шароит ва рушди самарабахшии роҳҳои нави назорат ва идоракунии тайёрии касбӣ зимни низоми таълими босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст.

Дар муқаддима зарурияти мавзуи таҳқиқот, тавсифи асосии дастгоҳ (аппарат)-и илмӣ, ҳадаф, объект, мақсад, фарзия, вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва усулҳои таҳқиқот ба таври мушаххас муайян карда шуданд. Навгониҳои илмӣ, аҳамияту моҳияти назарӣ ва амалии таҳқиқот муяйян карда шуда, марҳилаҳои таҳқиқот, муқаррароти ба ҳимоя

пешниҳодшуда ва маълумот оид ба тасвиб ва тасдиқи натиҷаҳои кори озмоишӣ пешниҳод гардидааст.

Бояд гуфт, ки автореферати диссертатсияи Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович дар мавзуи «Назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» таҳқиқоти ба анҷомрасонида ба ҳисоб рафта,, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. – Назария ва технологияи таълими математика) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:** Ахмедзода З. П.
номзади илмҳои педагогии
кафедраи табиӣ-риёзӣ, декани
факултети технологияҳои компютерӣ
ва амнияти киберии Донишгоҳи
инноватсия ва технологияҳои
рақамии Тоҷикистон

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, маҳ. Борбад, 9/1, тел./факс: (+992-83322)-2-13-67; E-mail: info@uidt.tj; www.uidt.tj

**Имзои Ахмедзода З. П.- ро тасдиқ мекунам:** Мухторзода С. Г.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузорӣ,
Донишгоҳи инноватсия ва
технологияҳои рақамии Тоҷикистон

09.06.2026

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, маҳ. Борбад, 9/1, тел./факс: (+992-83322)-2-13-67; E-mail: info@uidt.tj; www.uidt.tj

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович дар мавзуи «Назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. – Назария ва технологияи таълими математика) пешниҳод гардидааст.**

Назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир яке аз мавзуҳои мубрами рӯз ба ҳисоб рафта, зери таваҷҷуҳи ҳамаҷонибаи давлату ҳукумат мебошад. Зарурати таҳқиқи мавзуи мазкур дар шароити кунунии низоми таҳсилоти олии касбӣ ба ҳадафҳои асосии низоми маорифи кишвар мувофиқ буда, мубрамии мавзуъро муаллифи диссертатсия Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович бо барномаҳои давлатии соҳа «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва дигар барномаҳои давлатии соҳавӣ асос намуда, натиҷаҳои илмии бадастовардаро ба таври мушаххас дар диссертатсия нишон додааст.

Нуктаҳои зикргардида шаҳодат аз он медиҳад, ки таваҷҷуҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ нисбат ба соҳаи маориф ва рушду нумуи он дар мадди аввал қарор дошта, тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси равияи математика ва ҷавобгӯ ба замони муосир яке аз ҳадафҳои аввалиндараҷаи соҳаи маориф ба ҳисоб меравад.

Муаллиф таҳлили барномаҳои таълимию таҳсилотиро дар диссертатсия барои ду даҳсолаи охир барои ихтисоси математика мушаххас намуда, самтҳои мусбат ва манфиро нишон додааст.

Вазъи таълимро муаллиф дар ду муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мавриди баррасӣ қарор дода, вобаста ба зинаҳои таҳсил вазъи таълим ва

Сканировано с CamScanner

таҳсилро ба пуррагӣ нишон додааст. Бартарии диссертатсияи мазкур дар он аст, ки муаллиф вазъи таълимро вобаста ба минтақа ва шаҳру ноҳияҳо таҳлил намудааст. Ҳамзамон, сатҳи донишро дар давраи таҳсили миёна ва кунунӣ муайян намуда, сабабҳои манфӣ ва мусбатро омӯхта, роҳҳои самарабахши баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни самти математикаро ба таври комил пешниҳод намудааст.

Муаллиф ишора бар он мекунад, ки давлату ҳукумат таваҷҷуҳи махсуси худро ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши донишҷӯён ва сифати таълим бо истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити муосири иттилоотикунонӣ равона кардааст, зеро баланд бардоштани сифати тайёрии касбии донишҷӯён, махсусан, самти математика, дар шароити иттилоотонии маорифу ҷомеа бо тағйир ёфтани технологияҳо, мундариҷа, шакл, методҳо ва воситаҳои таълим бо истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ алоқаманд мебошад.

Муаллиф дар боби сеюми диссертатсия роҳҳои назорат ва идоракунии сифати тайёр кардани омӯзгорони ояндаи самти математикаро муайян ва арзёбӣ намуда, ҷорӣ намудани технологияҳои нави таълимӣ дар раванди таълимро, ки ба усулҳои фаъоли азхудкунии дониш ва рушди қобилияти эҷодии донишҷӯён нигаронида шудаанд, татбиқи он барои самаранокии назорат ва идораи сифати тайёрии касбии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи математика аҳамияти калидӣ доранд ба таври мушаххас пешниҳод намудааст, аз ҷумла:

- ✓ истифодабарии технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ба донишҷӯён ва омӯзгорони самти математика дастрас бошад;
- ✓ дар китобхонаҳо китобҳои таълимии тахассусии самти математика аз муаллифони ватанию хориҷӣ мавҷуд бошанд;
- ✓ донишҷӯён ва омӯзгорон ба китобхонаи электронии назди муассиса дар ҳолатҳои мувофиқ дастрасӣ дошта бошанд;
- ✓ дар муассисаҳои таълимӣ барои ихтисоси математика синфхонаҳои лингофонӣ мавҷуд бошанд;

Сканировано с CamScanner

✓ аз ҳайати омӯзгорони ботаҷриба донишӯёни фаъол барои иштирок дар озмуну олимпиадаҳо омода карда шаванд;

✓ семинарҳои илмӣ дар назди кафедраҳои ихтисосҳои самти математика дар шакли воқеӣ гузаронида шаванд;

✓ донишҷӯён ба семинарҳои мавҷудаи назди кафедраҳо ба пуррагӣ ҷалб карда шаванд ва ғайра.

Ҳамзамон, муаллиф коркарди усулҳои нав дар ҳалли масъалаҳои математикӣ ҳангоми тайёр кардани донишҷӯёни самти математика зимни низоми таълими босалоҳиятро мавриди коркард қарор дода, татбиқоти онҳо ҳамчун падидаи ҷомеавӣ барои дуруст ба роҳ мондани ҷараёни таълим, тарбия ва рушди зеҳният асос медиҳад.

Дар зербоби сеюми боби сеюми диссертатсия аз ҷониби муаллиф натиҷагирии озмоишии педагогӣ оид ба тайёркунии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав анҷом дода шудааст. Натиҷагирии корҳои озмоишӣ-педагогӣ дар шакли ҷадвал ва диаграммаҳо арзёбӣ гардида, нуктаҳои асосӣ ва самтҳои афзалиятноки он ба таври мукаммал пешниҳод гардидааст.

Боэътимодии мавзуи таҳқиқнамудани муаллиф ба ҳадафҳои низоми маорифи кишвар ва барномаҳои давлатӣ дар шароити рушди босуръати технологияи муосири ҷаҳонӣ мувофиқ буда, ба нақш ва мавқеи илмҳои дақиқ, алалхусус, математика назаррас мебошад ва он ба таҳаввулоти технологӣ, пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бевосита таъсир мегузорад, инчунин, ба омӯзиши фанҳои дигари бахши табиатшиносӣ аҳаммияти асосӣ дошта, манбаи боэътимод ба шумор меравад.

Хулоса, коркард ва ҷорӣ намудани роҳҳои самарабахши системаи назорат ва идоракунии сифати таҳсилот дар МТОК барои баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар шароити маорифи кишвар саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқотро пурра ва дақиқ инъикос намуда, ҳамзамон, диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ

Сканировано с CamScanner

ичро гардида, дорои навовариҳои назариявӣ ва аҳамияти амалӣ мебошад.

Тибқи таҳлилҳои боло метавон гуфт, ки автореферати диссертатсияи Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович дар мавзуи «Назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфтаи дорои натиҷаву навгониҳои илмӣ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. – Назария ва технологияи таълими математика) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои педагогӣ, и.в.профессор, мудири кафедраи математика ва информатикаи МД "Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд"-и МД "Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон"

Азимова Назира Самадовна

Имзои Азимова Н.С.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МД «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и МД "Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон"

Раҳимов Н.И.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

10.06. 2026 с.

Суроға: 735716, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 27, хонаи 1.
Тел: +992 37 234 88 02;
E-mail: bitesk_ips@mail.ru

Сканировано с CamScanner